# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАРКАЗИ МАТБУОТ

# МАЪЛУМОТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

## (ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ)

**ДУШАНБЕ**
**19.07.2022**

# МУНДАРИЧА

Таҳсилоти томактабӣ..........................................................................3

Таҳсилоти миёнаи умумӣ.....................................................................5

Баргузории олимпиадаҳо......................................................................6

Фаъолияти маҳфилҳо дар марказҳои таҳсилоти

иловагӣ..................................................................................................7

Таҳсилоти миёнаи касбӣ.......................................................................8

Таҳсилоти олии касбӣ..........................................................................10

Фаъолияти илмию инноватсионӣ........................................................12

Такмили ихтисоси омӯзгорон ва

фаъолияти ДҶТИБКСМ......................................................................13

Таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ..........................................................14

Равобити байналмилалӣ......................................................................15

Маблағгузории соҳаи маориф.............................................................17

Сохтмону азнавсозӣ ва омодагии муассисаҳои

таълимӣ ба давраи тирамоҳу зимистон..............................................18

Таъминот бо китобҳои дарсӣ..............................................................20

Компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ...........................................20

Маркази матбуот..................................................................................22

# МАЪЛУМОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022» бар меоянд, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда, як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

*****

## Таҳсилоти томактабӣ

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба таҳсилоти томактабӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки назорат ва расонидани ёрии методӣ ба субъектҳои раванди таълиму тарбияи томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 696 муассисаи томактабӣ - дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 26 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 2073 кӯдак, дар вилояти Хатлон 159 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 17419 кӯдак, дар вилояти Суғд 278 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 42239 кӯдак, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 83 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 9207 кӯдак ва дар шаҳри Душанбе 150 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 30232 кӯдак фаъолият намуда, дар муқоиса ба нимсолаи якуми соли 2021 (681) 21 муассиса зиёд мебошад.

Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ 1810 маркази инкишофи кӯдак (Душанбе-17, НТҶ-277, ВМКБ-284, Суғд-382, Хатлон-850) фаъолият менамояд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 (1764) 46 муассиса зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ 152 435 нафар ё 15.6%-ро ташкил медиҳад. Инчунин, 7751 нафар корманди педагогӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ машғуланд.

Бо назардошти он ки ҳалли аксари мушкилиҳои соҳа ба иҷрои талаботи бандҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобастагӣ дорад, аз ҳисоби мутахассисони соҳа ду гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, таҳияи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи таҳсилоти томактабӣ оғоз гардид.

Дар 6 моҳи соли 2022 дар ҷумҳурӣ 10 муассисаи томактабӣ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе 3 адад, Исфара, Панҷакент, Конибодом, Хуҷанд, Ашт, Бобоҷон Ғафуров ва Файзобод 1 ададӣ сохта ба истифода дода шуд.

Агар яке аз талаботҳои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 сохтмони муассисаҳои таҳсилоти томактабиро дар бар гирад, талаботи дигари он ғайримақсад истифода гардидани биноҳои муассисаҳои томактабӣ мебошад. Имрӯз, ҳолатҳои ғайримақсаднок истифода гардидани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба назар мерасад ва таъмиру азнавсозӣ, баргардонидани биноҳои кӯдакистонҳо дар аксари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мувофиқи нақша ба пуррагӣ амалӣ нагардидааст.

*****

## Таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дар ҷумҳурӣ 3940 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 128827 нафар омӯзгор (80170 зан) ба таълиму тарбия машғуланд.

Аз шумораи умумии омӯзгорон 98 752 нафар (58030 зан) – 76,7% дорои таҳсилоти олӣ, 28 095 нафар (20549 зан) – 21,8% дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 1980 нафар (1591 зан)–1,5% бо таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд. Нишондиҳандаи таҳсилоти омӯзгорон нисбат ба соли таҳсили гузашта тағйир ёфта, омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи касбӣ 1,4% кам ва бо таҳсилоти олии касбӣ 1,3% зиёд гардидааст.

Инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 2 195 619 нафар (1059743 духтар) хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст.

Дар ҷумҳурӣ 61 мактаб-интернат фаъолият намуда, дар онҳо кӯдакони ятим, нимятим, бепарастор, кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок мебошанд, имконияташон маҳдуд, кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки муассисаи таълимӣ надоранд, муҳити носолими оилавӣ доранд, ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Аз теъдоди умумии муассисаҳои таълимии мазкур 14 мактаб-интернат мақоми ҷумҳуриявӣ, 18 мактаб-интернат мақоми маҳаллӣ дошта, 29 интернати наздимактабӣ ва хонаи кӯдакон мебошад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани рафти баргузории даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тибқи фармоиши вазири маориф ва илм барои ҳайати комиссия ва ҳакамон дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Бохтар, Хуҷанд, Ҳисор ва ноҳияи Рашт рӯзҳои 19-23.04.2022 семинари машваратӣ баргузор гардида, тариқи

телевизионҳои давлатӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ инъикос карда шуд.

Айни ҳол даврҳои якум ва дуюми озмуни мазкур ҷамбаст гардидааст. Ба даври дуюм 37 ҳазору 859 нафар ва ба даври сеюм 7 ҳазору 96 нафар роҳхат гирифтааст, ки он дар ВМКБ 273 нафар, шаҳри Душанбе 419 нафар, вилояти Хатлон 4984 нафар, вилояти Суғд 900 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 520 нафар мебошад.

Бо мақсади ҳалли саривақтии мушкилоти шаҳрвандон ва рафъи камбудиҳои соҳаи маориф дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бори аввал аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи қабул ва ҷаласаҳои сайёр баргузор гардид, ки ин иқдом аз ҷониби шаҳрвандон, махсусан тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамовозии зиёд пайдо намуд. Ҳамзамон, дар робита ба ин, қабули сайёр ва ҷаласаи сайёри кории вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Исфара, Кӯлоб, Бохтар, Нуробод ва Рӯшон бо иштироки муовинони раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо (сарпарастони соҳа) доир карда шуд. Дар рӯзҳои қабули сайёри вазири маориф ва илм  зиёда аз 150 нафар шаҳрванд қабул ва мушкилоти онҳо бартараф карда шуд.

*****

**Баргузории олимпиадаҳо**

Дар ин давра 24 олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ, аз ҷумла 13 намуди олимпиада аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ва 11 намуди олимпиада аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузаронида шуд.

Ҷамъбаст ва натиҷагирии даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннии хонандагони синфҳои 5-11 муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар соли 2022 нишон дод, ки дар онҳо 6410 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ

иштирок намуданд. Таҳлилҳо нишон дод, ки иштироки хонандагон дар ҳаракатӣ олимпӣ нисбат ба соли 2021 2167 нафар зиёд буда, 42,2 %-и иштирокчиён ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Хонандагони боистеъдоди муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе сазовори мақоми аввал, вилояти Суғд сазовори мақоми дуюм, вилояти Хатлон сазовори мақоми сеюм, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сазовори мақоми чорум ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сазовори мақоми панҷум гардиданд.

Дар ин давра, 8419 нафар хонандаи тоҷик имконияти дар 11 олимпиадаи байналмилалӣ мустақиман ва тариқи фосилавӣ аз фанҳои математика, физика, химия, табиатшиносӣ ва забони англисӣ дар давлатҳои Амрико, Венгрия, Италия, Словения, Босния-Герсеговения, Қазоқистон ва Ӯзбекистон иштирок намуданд. Дар ин олимпиадаҳо хонандагони тоҷик дар миёни хонандагони давлатҳои пешрафтаи дунё сазовори 1058 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла 140 медали тилло, 368 медали нуқра ва 550 медали биринҷӣ гардиданд.

*****

**Фаъолияти маҳфилҳо дар марказҳои таҳсилоти иловагӣ**

Дар ин давра бо назардошти корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ фарогирӣ ба маҳфилҳои марказҳои таҳсилоти иловагӣ нисбатан зиёд гардида, дар умум, фарогирӣ ба 62162 нафар аъзо расид.

Соли дуюм аст, ки аъзои маҳфилҳои марказ дар олимпиадаҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ аз фанҳои биология ва химия фаъолона иштирок намуда, сазовори 18 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла 2 ҷойи якум, 8 ҷойи дуюм ва 8 ҷойи сеюм гардида, як нафар роҳхат ба даври олимпиадаи ҷаҳонӣ аз фанни биология гардид.

Аъзои фаъоли муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ дар Сессияи 43-юми баҳории Академияи хурди илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд, ки аз рӯйи натиҷаҳои бадастоварда 39 нафар ба узви ҳақиқӣ, 122 нафар узви вобаста ва бо диплому ифтихорномаҳои Академияи мазкур сазовор гардиданд.

Ташкили дарсҳои видеоӣ аз корҳои муҳими дар ин самт анҷомдода мебошад. Бо ҷалби омӯзгорони пуртаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ 1395 дарси видеоӣ аз синфи 1 то 11 аз рӯйи 14 фанни таълимӣ омода гардида, ҳамарӯза тариқи шабакаҳои телевизионии кишвар намоиш дода мешавад.

*****

**Таҳсилоти миёнаи касбӣ**

Имрӯз дар кишвар 82 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷ), аз ҷумла 57 муассисаи таълимии давлатӣ фаъолият намуда истодаанд, ки дар ҳашт самт: фарҳанг, омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, кишоварзӣ, технологӣ, иқтисодӣ, варзиш ва иҷтимоӣ аз рӯйи 209 ихтисос кадрҳои баландихтисосро омода месозанд.

Қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9) ва миёнаи умумӣ (синфи 11) аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар соли таҳсили 2021-2022 93270 нафар (65776 духтар) донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуд, ки аз теъдоди умумӣ 67747 нафар донишҷӯ (72,6%) тариқи шартномавӣ таҳсил менамоянд. Дар солҳои охир теъдоди донишҷӯён, хусусан, ба гурӯҳҳои шартномавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ меафзояд.

Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ низ рӯ ба беҳбудӣ оварда, таъмиру тармими биноҳои таълимию хобгоҳҳо бомаром идома дошта, синфхонаҳо бо компютер ва дигар воситаҳои нави техникӣ таъмин шуда истодаанд.

Бахшида ба солҳои 2020-2040 – "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" соли ҷорӣ озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз фанҳои таълимӣ баргузор гардид.

Мақсади ташкилу гузаронидани озмун тарғиби донишҳои назариявӣ, инкишофи шавқу завқи донишҷӯён ва тақвияти кӯшиши онҳо ба фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ, ташкилу беҳдошти курсҳои махсус, маҳфилҳои фаннӣ, ҷамъиятҳои илмии донишҷӯён, инкишофи майлу хоҳиши онҳо ба кори эҷодӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти донишҷӯёни лаёқатманд ва инкишоф додани нерӯи ақлӣ, ҳамкорӣ, ташкили алоқаи дутарафаи донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ бо олимону мутахассисони варзидаи мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ мебошад.

Аз шумораи умумии 280 нафар иштирокчӣ 15 нафар ҷойҳои якум, дуюм, сеюмро ба даст оварда, соҳиби Диплом ва туҳфаҳои Кумитаи тадорукоти озмун гардиданд. Ҳамзамон, ба 14 нафар иштирокчӣ барои иштироки фаъолона дар даври ҷумҳуриявии озмун "Ифтихорнома"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карда шуд.

Аз рӯйи баҳогузории ҷамъбасти умумӣ, дастаи Коллеҷи технологӣ-фарматсевтии Тоҷикистон сазовори ҷойи якум, Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Б.Исҳоқӣ сазовори ҷойи дуюм ва Коллеҷи тиббии иҷтимоии ноҳияи Леваканд сазовори ҷойи сеюм гардида, ба роҳбарияти ин муассисаҳо

“Ифтихорнома”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карда шуд.

*****

**Таҳсилоти олии касбӣ**

Айни ҳол дар 42 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 234524 донишҷӯ (86768 духтар) таҳсил менамояд, ки ба онҳо 12697 нафар (4572 зан) омӯзгор таълим медиҳад.

Дар ҳамин давра, озмуни довталабони квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар натиҷа аз шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод, Роғун, Варзоб, Файзобод, Ҷайҳун, Панҷ, Балҷувон, Ховалинг, Панҷакент ва Истиқлол, дар маҷмуъ, 25 ҷой, асосан аз ихтисосҳои равияҳои омӯзгорӣ, фарҳанг ва санъат холӣ монд.

Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки даврҳои якум ва дуюм озмунҳо, ки ба ухдаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия ва раёсату шуъбаҳои маориф мебошад, тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯён 427 нафар донишҷӯ аз 38 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар савияи дониш, малака ва маҳорати худро аз фанҳои таълимии забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, забони русӣ, таърихи халқи тоҷик, фалсафа, сиёсатшиносӣ, педагогикаи умумӣ, назарияи иқтисодӣ, математика, физика, химия, информатсионӣ, биология - экология, географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография, дар маҷмуъ, аз 14 фанни таълимӣ санҷида, барои ҷойҳои ифтихорӣ рақобати солим намуданд.

Дар ҷамъбаст 14 нафар донишҷӯ ҷойи якум, 13 нафар ҷойи дуюм, 10 нафар ҷойи сеюм ва 18 нафар бо ифтихорнома сазовор дониста шуданд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи равияи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ бо гирифтани бештари ҷойҳои ифтихорӣ дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷойи якум, дастаи донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷойи дуюм ва дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҷойи сеюмро мушарраф гаштанд.

Дар равияи табиатшиносию риёзӣ низ дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷойи якум, дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷойи дуюм ва дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҷойи сеюмро соҳиб шуданд.

Дар фазои тантанавӣ вазири маориф ва илм ба ғолибон ва як гурӯҳ иштирокдорони фаъол диплом, ифтихорнома, медал ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд. Инчунин, барои фаъолияти пурсамар ба аъзои комиссияи экспертӣ ва ҷиҳати мусоидат дар ташкил ва баргузории олимпиадаи мазкур ба роҳбарияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон “Сипоснома”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Айни замон лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия гардида, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидааст.

Айни замон, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 21399 компютер, 352 синфхонаи компютерӣ ва 10170 адад компютерҳое, ки бо шабакаи интернет пайвастанд, ташкил медиҳад. Инчунин, 1604 адад тахтаи электронӣ, 2549 адад проектор, 63 адад факс, 1109 адад сканер ва 1892 адад нусхабардор барои пешбурди раванди таълиму тарбия истифода бурда мешавад.

*****

## Фаъолияти илмию инноватсионӣ

Тибқи нақша дар ин давра дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ зиёда аз 70 конференсияву симпозиум ва анҷуману семинарҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар масъалаҳои марбут ба соҳаи маориф доир гардид.

Инчунин, дар ин давра дар шӯроҳои диссертатсонӣ 268 нафар рисолаҳои илмии худро дифоъ намуда, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия тасдиқ гардидаанд.

Бо мақсади иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 3 феврали соли 2022, №АП-155 вобаста ба баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ «Илм-фурӯғи маърифат» корҳои муайян низ ба иҷро расид. Даври аввали озмун дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ҷамъбаст гардид, ки дар он 124050 нафар иштирок намуда, 26549 нафар ба даври дуюми озмун роҳхат гирифтанд.

Аз ҷониби муассисаҳои илмии тобеи вазорат, аз ҷумла кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 29 номгӯй маводи чопӣ, аз ҷумла 1 монография, 6 дастури таълимиву методӣ, 1 китоби илмӣ-публитсистӣ ва 21 мақолаи илмию методӣ ба табъ расида, ҳамзамон, беш аз 89 номгӯй китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ ташхису тақриз карда шуданд.

Аз ҷониби Пажуҳишгоҳи рушди маориф бо мақсади ҳалли мушкилоти муассисаҳои таълимии аққаллиятҳои миллӣ ва ҷоннок намудани омӯзиши таъриху фарҳанги халқи тоҷик тарҷумаи китоби дарсии “Таърихи халқи тоҷик” барои синфҳои 5,6,7,8 бо забони русӣ ва тарҷумаи 4 китоби дарсӣ - “Таърихи халқи тоҷик” синфи 6,7,11 ва “Географияи Тоҷикистон” синфи 8

барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забони туркмании Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва барои чоп пешниҳод карда шуданд.

*****

## Такмили ихтисоси омӯзгорон ва фаъолияти ДҶТИБКСМ

Дар давраи ҳисоботӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳо 512 курси нақшавӣ ва ғайринақшавӣ доир карда шуд, ки дар онҳо 12555 нафар омӯзгору кормандони соҳаи маориф такмили тахассус намуданд. Ҳамзамон, 88 семинари мақсаднок вобаста ба мушкилиҳои соҳа ва методикаи таълими фан бо иштироки 2291 нафар омӯзгору кормандони соҳаи маориф гузаронида шуд.

Дар донишкада бо дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ ЮНИСЕФ “Маркази таълимӣ ва омӯзиши инноватсионӣ” ба истифода дода шудааст. Марказ аз студияҳои сабти дарсҳои аудиоию видеоӣ, маркази дастгирии омӯзгорон, ҳуҷраи танзимнамоӣ ва толори баргузории омӯзишҳо иборат мебошад. Чунин марказҳо тибқи нақша дар филиалҳои донишкада низ таъсис дода мешавад.

Аз ҷониби ҳайати омӯзгорону кормандони донишкада ва филиалҳо 9 китоб, зиёда аз 150 мақолаи илмӣ-методӣ, 27 дастур ва модулҳои таълимӣ таҳия, 20 конференсия, 27 мизи мудаввар ва чорабиниҳои фарҳангӣ ташкил ва баргузор гардида, ба рисолаҳои номзадӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ 100 тақриз таҳия ва пешниҳод карда шуд.

*****

## Таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Бинобар ин, масъалаи ба ҷойи кор ҳозиршавии мутахассисони ҷавон моҳи апрели соли 2022 дар ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илм мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарори дахдор қабул гардид. Дар асоси қарори ҷаласаи мазкур эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои соли таҳсили 2022-2023 ба 3406 нафар пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2021-2022 1240 нафар зиёд мебошад.

Эҳтиёҷоти пешниҳодшуда дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 169 нафар, вилояти Хатлон 852 нафар, вилояти Суғд 720 нафар, шаҳри Душанбе 159 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1506 нафарро ташкил медиҳад.

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо омӯзгорони ҷавон фармоиши вазири маориф ва илм аз 9 феврали соли 2022, №165 “Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2022” ба тавсиб расид, ки тибқи он аз 2 то 31 моҳи майи соли ҷорӣ бо иштироки кормандони раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва хадамоти кадрии сарраёсат, раёсату шуъба ва бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсимоти мутахассисони ҷавон (равияи омӯзгорӣ) гузаронида шуд.

Дар асоси маълумоти омории пешниҳоднамудаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ соли 2022 танҳо гуруҳҳои бучавии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии

касбиро бо равияи омӯзгорӣ 7153 (миёнаи касбӣ 1830, олии касбӣ 5323) нафар хатм намуданд.

Дар асоси фармоиши дар боло зикршуда тақсимоти мутахассисони ҷавон (равияи омӯзгорӣ) тибқи «Тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» дар 14 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 13 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ мутахассис тайёр менамоянд, вобаста ба эҳтиёҷоти кадрӣ гузаронида шуд.

Дар асоси ин тақсимот ба муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 457 нафар (нисбат ба эҳтиёҷот 288 нафар зиёд), вилояти Хатлон 1668 нафар (нисбат ба эҳтиёҷот 816 нафар зиёд), вилояти Суғд 1138 нафар (нисбат ба эҳтиёҷот 418 нафар зиёд), шаҳри Душанбе 233 нафар (нисбат ба эҳтиёҷот 74 нафар зиёд) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 829 нафар барои фаъолият фиристода шуд. Аз шумораи 4323 нафар хатмкунандагони равияи омӯзгорӣ 3123 нафар бо маълумоти таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумла 748 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 1202 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ мебошад.

*****

## Равобити байналмилалӣ

Дар самти робитаҳои байналмилалӣ низ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, расмиёти дохилидавлатӣ пас аз имзо намудани Созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва имли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти олӣ ва тадқиқоти илмии Ҷумҳурии Мисри Араб оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва таҳсилоти олӣ ба анҷом расонида шуда, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тасдиқи он ба тасвиб расид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи мулоқоти дуҷониба ва мувофиқаи тарафҳо филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ба фаъолият шуруъ кард, ки раванди таҳсил ва фаъолияти методӣ, стандартҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии филиал дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илм амалӣ карда мешавад. Таҳсил дар филиали донишкада аз рӯи самтҳои менеҷменти саноатӣ, сайёҳии байналмилалӣ ва меҳмондорӣ, амнияти иттилоотӣ ва кибернетикӣ бо фарогирии омӯзиши ҳатмии забони тоҷикӣ, таърихи Тоҷикистон ва дигар ҷузъиёти миллӣ роҳандозӣ мешавад. Дар назар аст, ки аз сентябри соли ҷорӣ дар филиал курсҳои тайёрӣ барои довталабон ба роҳ монда шавад.

Айни ҳол, бозбинии маориф ва ислоҳотпазирӣ дар саросари ҷаҳон аз зумраи ташаббусҳои беназири Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид ба шумор меравад. Бо мақсади иҷрои ташаббуси мазкур Вазорати маориф ва илм дар якҷоягӣ бо дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, ЮНИСЕФ ва ЮНЕСКО таҳти сарпарастии Дафтари Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон то 1 июни соли ҷорӣ чорабинии машваратии умумимиллӣ доир намуд, ки ҷиҳати муайян намудани дигаргунсозии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷдиди уҳдадориҳои дастаҷамъона оид ба маориф дар арсаи умумиҷаҳонӣ масъалагузорӣ карда шуд. Натиҷаҳои машваратҳои мазкур дар Саммити муқаддамотии бознигарии низоми маорифи кишварҳои узви Созмони Миллали Муттаҳид дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса, бахши муколамаи вазирони кишварҳои узви Шарикии глобалии маориф (GPE) оид ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи аснод барои ба дастовардани лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҷониби вазири маориф ва илм рӯзҳои 27 июн то 1 июли соли ҷорӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар ин давра аз ҷониби кишварҳои Россия, Туркия, Хитой, Венгрия, Озарбойҷон, Руминия, Малайзия, Япония, Корея, Тайланд барои таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо гардидааст.

Ҳукумати Федератсияи Россия барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2022-2023 750 бурсия ҷудо намуд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 120 бурсия зиёд аст.

Инчунин, дар ин давра дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Кохи ҷавонони шаҳри Хуҷанд ярмарка-намоишгоҳи таҳсилоти олии касбии Россия бо фарогирии хатмкунандагон ва довталабони ҷумҳурӣ баргузор гардид, ки дар он 34 муассисаи таҳсилоти олии Федератсияи Россия, 1 муассисаи таҳсиолти олии Ҷумҳурии Белорус ва филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии дар шаҳри Душанбе фаъолияткунандаи Федератсияи Россия ширкат варзиданд.

*****

## Маблағгузории соҳаи маориф

Рушди устувори соҳаи маориф ва самаранокии ислоҳот аз афзоши маблағгузории он вобаста аст. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, маблағгузории ин соҳаи калидӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Соли 2022 барои соҳаи маориф 6 млрд. 304 млн. 25 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2021 11,3 % зиёд мебошад.

Хароҷоти соҳаи маориф дар соли 2022 барои зинаи таҳсилоти томактабӣ 425 млн. 200 ҳазор сомонӣ нисбат ба соли 2021 7,3% зиёд, таҳсилоти умумӣ 3 млрд 374 млн. 100 ҳазор сомонӣ нисбат ба соли 2021 7,7% зиёд, таҳсилоти ибтидоии

касбӣ 81 млн. 500 ҳазор сомонӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ 283 млн. нисбат ба соли 2021 8,6% зиёд, таҳсилоти олии касбӣ 1 млрд. 110 млн. 100 ҳазор сомонӣ нисбат ба соли 2021 10,1% зиёд ва барои дигар хароҷотҳои соҳа бошад 1 млрд. 30 млн сомонӣ нисбат ба соли 2021 32% зиёд мебошад.

Дар соли 2022 баҳри бартараф намудани масъалаҳои сохтмонӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ, харидории таҷҳизоти таълимӣ, омӯзиш ва гузаронидани тренингу семинарҳо дар соҳаи маориф 3 лоиҳаи инвеститсионӣ бо маблағи умумии 96 млн. 635 ҳазор доллари ИМА фаъолият доранд, ки ба ҳолати 1 июни соли 2022 маблағҳо 51,5% азхуд карда шудааст.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти вазорат ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳа мебошад. Маҳз ин фаъолият буд, ки бори нахуст Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дар лоиҳаи нави маблағгузории ташкилоти Шарикии Глобалии Маориф (GPE) дар миёни 76 давлат ба ҳайси гирандаи грантҳои пилотӣ интихоб гардид ва нақшаи стратегии Тоҷикистон барои амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ аз нақшаҳои стратегии муваффақ дониста шуд.

*****

## Сохтмону азнавсозӣ ва омодагии муассисаҳои таълимӣ ба давраи тирамоҳу зимистон

Дар соли 2022 тибқи маълумоти омории дастрасгардида дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 331 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 77246 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин давра, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 30 муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои

таълимӣ барои 7334 ҷойи нишаст дар як баст сохта ба истифода дода шуд.

Бо мақсади сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №133 ба тасвиб расида, барои амалӣ намудани он дар асоси фармоиши вазири маориф ва илм Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ ва Ситоди фаврӣ ташкил карда шуд.

Талаботи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023, дар маҷмуъ, 55648 тонна ангишт, 51242 $м^3$ ҳезум ва 123267 литр сӯзишвории дизелӣ буда, аз ҳисоби бақияи соли гузашта, ки 3169 тонна ангишт, 2228 $м^3$ ҳезум ва 8368 литр сӯзишвории дизелиро ташкил медиҳад, нақшаи захираи ангишт 6,4%, ҳезум 5,3% ва сӯзишвории дизелӣ 8,5% иҷро гардидааст. Маблағ барои харидории ангишт, маводи сӯзишворӣ ва ҳезум, асосан дар семоҳаи сеюму чорум пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 1152 адад дегхонаи хурду бузург, 22899 адад гармкунаки барқӣ, 44495 адад печи половӣ барои гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 омода гардида, 25933 метри мураббаъ шишабандии дару тирезаҳо ва аз таъмири ҷорӣ баровардани 4 742 695 метри мураббаъ масоҳати синфхонаю биноҳои муассисаҳои соҳаи маориф ба нақша гирифта шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, мактаб-интернатҳо, литсей ва мактабҳои президентӣ барои гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023 талаботи маводи асосии хӯрока, аз ҷумла орд 1333 тонна, равған 229 тонна, биринҷ 378 тонна, шакар 389 тонна, картошка 1121 тонна, пиёз 607 тонна,

сабзӣ 568 тонна ва консерва 92902 қуттӣ ба нақша гирифта шудааст.

*****

## Таъминот бо китобҳои дарсӣ

Дар нимсолаи якуми соли 2022 аз ҷониби Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ дар ҷаласаи Шӯрои миллии таҳсилот 125 номгӯй адабиёти таълимӣ ва дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастхати 68 китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои нашр тавсия ва тасдиқ шуд.

Дар ин давра 20 номгӯй китоби дарсӣ ба миқдори 2 млн. 291 ҳазору 396 нусха барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба нашр расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25 млн. зиёд мебошад. Айни ҳол чопи 36 номгӯй китоби дарсӣ бо теъдоди 4 млн. 14 ҳазор нусха дар чопхонаҳои ватанӣ идома дорад.

Ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва муассисаҳои таълимӣ 165 номгӯй китоби дарсӣ ва 80 номгӯй маводи таълимӣ ба миқдори 2 млн. 547 ҳазору 299 нусха ирсол шудааст, ки теъдоди ирсолшуда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 млн. 213 ҳазору 138 нусха зиёд аст.

*****

## Компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 15.06.2022 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 79012 адад компютер, 12247 адад принтер, 3607 адад тахтаи электронӣ ва 4784 адад видеопроектор мавриди истифода қарор доранд. Омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ 5289 нафарро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи нақшаи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2018-2022” барои соли 2022 харидории 10 449 адад компютер ва 832 адад тахтаи электронӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар шаш моҳи аввали соли 2022-ум 2023 адад компютер (20%) ва 266 адад тахтаи электронӣ харидорӣ гардидааст, ки 32%-и иҷрои нақшаи соли 2022-ро ташкил медиҳад.

Айни замон, 2550 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба шабакаи Интернет пайваст буда, қисми зиёди онҳо ба воситаи WiFi - модем пайваст мебошад. Дар муассисаҳои таълимӣ дар умум 537 адад кабинетҳои технологияи иттилоотӣ шабакаи дохилӣ (локалӣ) дорад.

Ҳамзамон, 167 нусха китоби дарсии электронӣ барои хонандагони синфҳои 1-11 ва зиёда аз 900 навори таълимию методӣ дар шакли электронӣ таҳия ва дар сомонаи Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ҷой дода шуд.

Аз ҷониби мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия наворҳои таълимӣ аз фанҳои физика, алгебра барои хонандагони синфҳои 7, 8, 9, 10 ва фанҳои астрономия, геометрия, биология, химия ҳамчун маводи иловагӣ омода гардида, дар сомонаи марказ ҷойгир карда шуд.

Марказ дар ҳамкорӣ бо Хазинаи кӯдакони Созмони миллали Мутаҳид дар Тоҷикистон (ЮНИСЕФ) платформаҳои рақамии «Сандуқчаи зулбиё», «Китобхонаи электронӣ», «Мактаб-мобайл» ва «Омӯзгор-мобайл»-ро рӯзи 27.04.2022 дар толори Вазорати маориф ва илм ва рӯзи 31 майи соли ҷорӣ ифтитоҳи расмии лоиҳаи платформаи омӯзиши «Сандуқчаи зулбиё»-ро дар меҳмонхонаи “Ҳайат Реҷенсӣ” бо иштироки намояндагони

Хазинаи кӯдакони СММ ЮНИСЕФ, муассисаҳои зерсохтори вазорат ва раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат доир намуд.

Баҳри баланд бардоштани савияи дониши техникии мутахассисон, кормандони раёсат ва шуъбаҳои маориф ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар давраи таътили зимистона ва баҳорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ курси омӯзиши истифодабарии технологияи муосир ба роҳ монда шуд, ки зиёда аз 35000 нафар омӯзгор ба ин курсҳо фаро гирифта шуданд.

Инчунин, дар курси омӯзиши истифодабарии технологияи муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 3000 нафар омӯзгор ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 8113 нафар омӯзгор ҷалб карда шуданд.

*****

## Маркази матбуот

Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм ва нашрияҳои соҳавӣ як қатор корҳои босамарро анҷом доданд. Аз ҷумла, 27 гузоришу барномаи радиоӣ таҳия гардида, 42 гузоришу барномаи телевизионӣ пахш гардид.

Ҳарчанд дар ин давра дар матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводи сирф танқидӣ нашр нагардида бошад ҳам, аммо ба тамоми навиштаҳо вокуниши саривақтӣ нишон дода шуд. Дар маҷмуъ, ба 16 маводи таҳлиливу танқидӣ ва саволу масъалагузориҳо оид ба соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла, ба рӯзномаҳои “Ҷумҳурият” 2 вокуниш, “Садои мардум” 3 вокуниш, ҳафтономаҳои “СССР” 5 вокуниш, “Халқ овози” 1 вокуниш, “Фараж” 1 вокуниш, “Минбари халқ” 1 вокуниш, “Пайк” 1 вокуниш ва “Радиои Озодӣ” 2 вокуниш нишон дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар сомонаи вазорат бо забони тоҷикӣ 226 мавод, забони русӣ 45 мавод ва забони англисӣ 23 мавод вобаста ба паҳлуҳои гуногуни соҳаи маориф нашр карда шуд.

Нашрияҳои соҳавии вазорат низ дар ин давра фаъолияти хуб нишон доданд.

Дар ҳар як шумораи нашрияҳои «Омӯзгор», «Пайрав» маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» ва «Русский язык и литература в школах Таджикистана» матолиби ҷолибу хонданӣ таҳия ва чоп гардид.

*****

Новобаста ба корҳои басомонрасонида ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илм ба назар мерасад ва Вазорати маориф ва илм бовар дорад, ки ин нуқсон тадриҷан ҳал гардида, ислоҳоти соҳа дар ҳамаи самтҳо амалӣ хоҳад шуд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои соҳавии худро саривақт ва бо сифати баланд ба иҷро расонад.

## БАРОИ ҚАЙДҲО